آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

1 январи соли 2024 Душанбе № 1 (15012)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ТАБРИКИ СОЛИНАВӢ БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Ба сарзамини пурнеъматамон соли нави 2024 меояд.

Дар ин лаҳзаҳои гуворо аз таҳти дил собиқадорони муҳтарам, бонувони мунис, намояндагони тамоми ҷанбаву соҳа, ҷавонони серғайрат, ҳамватанони хориҷӣ – кулли мардуми гуногунмиллатамонро бо ин ҷашни аҷоиб табрик менамоям.

Дӯстони муҳтарам!

Албатта, дар ҳаёт дар баробари хушиву муваффақиятҳо ташвиш ва мушкилот низ вуҷуд дорад. Аммо инсон ба туфайли зеҳни худ, меҳнати матонатнок, иродаи мустаҳкам қодир аст, ки ҳар гуна озмоишро муносиб паси сар намояд.

Соли 2023 барои мамлакат ва халқамон бобарор буд. Аз ҳама муҳимаш, дар мамлакат сулҳ ва субот, фазои дӯстона ва босафои байнимиллӣ ҳукмрон аст.

Бори аввал дар таърихамон дар ҳамапурсии умумихалқӣ мо Конституцияро дар таҳрири нав қабул намудем. Ба татбиқи Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» шурӯъ кардем, ки рушди оянда моро муайян менамояд.

Дар сатҳи олӣ бисёр анҷуманҳои бузургу бонуфуз баргузор намудем, дар арсаи байналхалқӣ ташаббусҳои муҳим изҳор доштем, суръати босуботи тараққиёти иқтисодиётро таъмин намудем.

Дар ҷумҳурӣ корхонаҳои саноатии баланд-технологӣ, шабакаҳои замонавии логистикӣ ва инфрасохторӣ, кӯдакистон ва мактабҳо, объектҳои маданият ва варзиш бунёд мегарданд. Ҷойҳои нави кор фароҳам оварда мешавад. Намуди шаҳру деҳотамон дигаргун гардида, дараҷаи ҳаёти аҳолӣ баланд мегардад. Ба туфайли меҳнати муташаккили халқамон орзуи Ўзбекистони Нав ба воқеият табдил меёбад. Ба шумо, ҳамватанони азиз, барои ҳама муваффақиятҳои ноилгаштаатон самимона миннатдорӣ изҳор мекунам.

Дӯстони муҳтарам!

Вазифаҳои асосии мо – воло донистани шараф ва қадри инсон, таъмини манфиатҳои аҳолӣ ва бунёди иқтисодиёти пурқудрат мебошад. Соли 2024-ро мо дар Ўзбекистон **Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат** эълон намудем.

Дар соли нав мо ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ, ташаккул додани имконоти васеъро барои соҳибкорӣ ва моликияти хусусӣ фаъол менамоем, ба рушди илм, инноватсия, соҳаи IT, ба вуҷуд овардани технологияи «сабз» ва рақамӣ эътибори алоҳида медиҳем.

Дар маркази диққат масъалаҳои ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор, афзудани даромади аҳолӣ қарор хоҳанд гирифт. Ҳаҷми музди меҳнат, нафақа, стипендия ва кумакпулӣ зиёд мегардад. Мо дастгирии ҳамаҷонибаи занон ва насли куҳансол – ҳамаи онҳоеро, ки ба мадад ва ҳамдастӣ эҳтиёҷ доранд, идома медиҳем, рушди соҳаи иҷтимоиро ба дараҷаи куллан нав мебардорем.

Мустаҳкам намудани истиқлолияти Ватан, зарфияти ҳарбии Қуввоҳои Мусаллаҳ чун вазифаи бартаринок боқӣ мемонад.

Хуллас, мо тамоми қувва ва имконотро барои сохтмони ҳаёти нав, Ўзбекистони Нав сафарбар менамоем.

Ҳамватанони азиз!

Бори дигар шуморо бо Соли нав табрик менамоям, ба ҳамаатон саломатӣ, сулҳ ва бахт таманно дорам.

Бигузор, ҳар як оила, ҳар як маҳалла, тамоми мамлакатамон шукуфон бошад!

Бигузор, Худованд Ватани дӯстдоштаи моро ҳифз намояд!

Соли наватон муборак, азизони ман!

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

ТАБРИКОТИ САМИМОНА БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВ БА ХАЛҚ ВА ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН

Роҳбарони давлатҳои хориҷӣ, парлумонҳо ва ҳукуматҳо, сарони ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, арбобони намоёни ҷамъиятӣ ва динӣ ба номи Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба муносибати соли фарорасидаи 2024 табрикоти самимона ирсол менамоянд.

Дар паёмҳо барномаи бебозгашти ислоҳот оид ба сохтмони Ўзбекистони Нав, ки зери роҳбарии пешвои мамлакатамон бомуваффақият ба амал ҷорӣ мегардад, таъкид гардида, самаранокӣ ва натиҷабахшии сиёсати хориҷии прагматик, ки ба баланд бардоштани нуфузи байналхалқии мамлакат мусоидат менамояд, қайд мегардад.

Барикони хориҷӣ таманноҳои неки фараҳмандӣ, тавфиқи оянда, сулҳ ва шукуфоии мардуми сермиллати Ўзбекистонро изҳор менамоянд.

Муҳтарам Шавкат Миромонович, ба шумо тансиҳатии комил, бахт ва дар фаъолияти масъулиятноки давлатӣ тавфиқи бузург, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳу фараҳмандӣ ва шукуфоиро таманно дорам.

Бо эҳтиром,

Садир ҶАПАРОВ,
Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон

***

Ба Аълоҳазрат
ҷаноби Шавкат Мирзиёев,
Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Самимитарин табрикоти солинавиро бипазиред.

Ташрифи чанде пеш, ки ба Маскав овардед, пойдории муносиботи фарогири шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Русияву Ўзбекистонро пурра собит намуд, имкон дод, ки самтҳои нави ҳамкории муфиди тарафайн мушаххас карда шаванд.

Бовар дорам, ки дар соли фарорасида низ мо гуфтугӯ ва кори қарини муштаракро дар заминаи татбиқи лоиҳаҳои истиқболноки дуҷониба дар ҷанбаҳои мухталиф ва инчунин ҳамоҳангиро дар доираҳои ИДМ, СҲШ ва дигар ниҳодҳои бисёрҷониба идома медиҳем. Ин, бешубҳа, ҷавобгӯйи манфиатҳои калидии шаҳрвандони давлатҳоямон мебошад, ҳамқадами таъмини бехатарӣ, субот ва фараҳмандӣ дар фазои Авруосиё аст.

Ба шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба хешовандон ва наздиконатон тансиҳатии комил, бахт ва тавфиқ, ба мардуми дӯсти Ўзбекистон сулҳ ва шукуфоиро таманно дорам.

Бо эҳтиром,

Владимир ПУТИН,
Президенти Федератсияи Русия

***

Ба Аълоҳазрат
ҷаноби Шавкат Мирзиёев,
Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Самимитарин табрикотамро бо фарорасии соли нави 2024 бипазиред!

Ба шумо фараҳмандӣ ва дастовардҳои навро ба хотири халқи бародари Ўзбекистон орзу дорам.

Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон

***

Ба Аълоҳазрат
ҷаноби Шавкат Мирзиёев,
Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шуморо бо фарорасии соли нави 2024 самимона табрик мегӯям.

Соле, ки гузашт, бо суръати хуби муносибати Қирғизистону Ўзбекистон зикр мегардад. Дар натиҷаи мулоқотҳоямон қарордодҳо ба даст омада, лоиҳаҳои муштарак татбиқ мегардад.

Бовар дорам, ки дӯстии байни Қирғизистону Ўзбекистон бемисл мустаҳкам гардида, ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирии якдигар хоҳад афзуд.

Изҳори бовар менамоям, ки бо кӯшиши якҷоя муносибати бисёрҷанбаи Қирғизистону Ўзбекистон минбаъд низ муттасил ба манфиати халқҳои бародар инкишоф хоҳад ёфт.

Ба Аълоҳазрат
ҷаноби Шавкат Мирзиёев,
Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Табрики манро аз таҳти дил ва беҳтарин таманноҳоро бо фарорасии соли 2024 қабул намоед!

Боиси хушнудист, ки дар соли сипаригардидаи 2023 мо суръати мусбии рушди муносибати некҳамсоягии Тоҷикистону Ўзбекистон, шарикии стратегӣ ва ҳамкории ҳампаймониро нигоҳ доштем.

Ҳоло, ба туфайли кӯшиши муштараки муттасил, муносибати Тоҷикистон ва Ўзбекистон бо мазмуни амалии нав дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ бинобар манфиатҳои куллии халқҳои бародарамон ғанӣ мегардад.

Барои бомуваффақият пеш бурдани ин ҷараён аз бисёр чиҳат гуфтугӯйи доимии боэътимод ва робитаҳои ҳамешагии байни мамлакатҳоямон дар дараҷаи воло ва баланд мусоидат менамояд.

Бовар дорам, ки ташрифи оянда дар соли 2024 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷараёни созандаи рушди робитаҳои байнидавлатии ду мамлакати ҳамсоя таҳрики сифатан нав мебахшад.

Дар арафаи Соли нав аз таҳти дил ба шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатии комил, бахт ва тавфиқи нав, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳ, фараҳмандӣ ва шукуфоиро таманно дорам!

Бо эҳтиром,

Эмомалӣ РАҲМОН,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

***

Ба Аълоҳазрат
ҷаноби Шавкат Мирзиёев,
Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Ба муносибати фарорасии соли 2024 самимитарин ва гармтарин табрикотамро қабул фармоед.

Ба шумо тансиҳатии комил, бахт ва дар тамоми корҳоятон тавфиқи калон орзу дорам. Бигузор, Соли нав барои ҳамаамон фараҳмандӣ ва шукуфоӣ орад!

Бо эҳтиром,

Сердар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,
Президенти Туркманистон

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Ҳаёти ҳаррӯзаи моро бе мошин тасаввур кардан мумкин нест. Сабаб дар он аст, ки мошинҳо воситаи мусоиди ҳаракат ҳангоми аз як манзил ба манзили дигар гузаштан ва интиқол додани маҳсулот, наздик шудани дурамон, сабук гардидани мушкиламон мебошанд.

ИСТЕҲСОЛИ 10 ҲАЗОР МОШИНИ БАРҚӢ ДАР СОЛИ 2024

Аммо дигаргуниҳое, ки дар симои шаҳру деҳот тӯли солҳои охир ба амал омадаанд, аз зарурати ислоҳоти таъҷилӣ дар ин соҳа чун дар тамоми соҳаҳо гувоҳӣ медиҳанд. Аз ин рӯ, солҳои охир дар самти таъмини бехатарии ҳаракати мошинҳо, кам кардани зарари онҳо ба муҳити зист, инфрасохтори роҳ, нақлиёти ҷамъиятӣ, зиёд намудани хариди мошинҳои барқӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Аз ҷумла, дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвари мо ин соҳаҳо пайваста нав карда шуда, сарфи назар аз мушкилоти таъминоти моддию техникӣ истеҳсоли мошинҳо дар солҳои охир се баробар афзуда, то охири соли ҷорӣ ба 415 ҳазор адад расонида мешавад. Бо мақсади аз байн бурдани монополияи давлатӣ ва рушди рақобат дар соҳа 3 корхонаи нави хусусӣ ва брендҳои бонуфузи хориҷӣ ҷалб карда шуданд.

Дар Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» фароҳам овардани муҳити рақобат дар соҳаи автомобилсозӣ ва расондани ҳаҷми истеҳсолот ба 1 миллион адад, пурра фаро гирифтани шаҳру ноҳияҳо бо нақлиёти ҷамъиятӣ, ба 5 ҳазор расондани шумораи автобусҳои нав ва ба 2 ҳазор расондани автобусҳои барқӣ мақсад гузошта шудааст.

Ҳоло дар 8 корхонаи мамлакати мо даҳҳо хели автомобил, нақлиёти боркаш ва мусофиркашонӣ, техникаи хоҷагии қишлоқ ва махсус истеҳсол карда мешавад. Ҳамчунин беш аз 2000 корхонаи ин соҳа ба шабакаи ягонаи кооператсия пайваст шуда, маҳаллисозии 50 фоизи маҳсулот таъмин гардид.

Албатта, пешрафти ин соҳа ҳам ҳисобу китоб ва нақшаҳои дақиқро талаб мекунад. Сабаб дар он аст, ки саноати автомобилсозӣ қисми муҳими иқтисодиёти кишварҳои пешрафтаро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар оянда истеҳсоли мошинҳои барқӣ муҳим аст, ки ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам хориҷӣ бо корхонаҳои мошинсозӣ рақобат карда тавонанд.

Дар ҷамъомаде, ки 14 декабри соли равон таҳти раёсати Сарвари давлатамон баргузор шуд, натиҷаҳои бадастомада таҳлил гардида, вазифаҳои амалӣ дар соли 2024 муайян карда шуданд. Президент таъкид кард, ки агар саноатчиёни кишвари мо дар ин самт таҷрибаи давлатҳои пешқадамро зуд омӯхта, ба талаботи замон мутобиқ нашаванд, дар оянда дар бозор мавқеъ пайдо кардани онҳо мушкилтар мешавад. Инчунин, соли оянда дар кишвари мо корхонаи мошинҳои электрикӣ ба кор андохта мешавад ва дар назар аст, ки 10 ҳазор мошини барқӣ истеҳсол шавад.

Дар ин маврид бояд гуфт, ки имрӯз дар саноати автомобилсозии мамлакати мо на фақат истеҳсоли мошинҳои сабукрав, балки дар баробари ин шабакаи истеҳсоли мошинҳои гуногун, ки ба кишоварзӣ мутобиқ шудаанд, боркашонӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ низ босуръат рушд мекунад.

Танҳо имсол дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бештар аз 3500 адад техника истеҳсол карда шуд. Ба нақша гирифта шудааст, ки то соли 2030 ин миқдор ба 16 ҳазор расонда шавад. Кластери мошинсозии кишоварзие, ки дар шаҳри Чирчиқ ташкил карда шудааст, иқтидори соле истеҳсол намудани 15 ҳазор адад трактору притсеп ва дигар таҷҳизотро дорад. Ин ба деҳқонони мо, ки имрӯз фаъолияти худро бо пахтакорӣ ва ғаллакорӣ маҳдуд накарда, ба хоҷагии серсоҳа табдил ёфта истодаанд, имкон медиҳад, ки ба ҳосилноки баланди меҳнатӣ ноил гардад.

Аз ҳама муҳимаш, дар натиҷаи ба ҳаёт татбиқ намудани ҳар як соҳаи нави истеҳсолӣ ва маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ҳазорҳо ҷойи нави корӣ ташкил мешаванд.

Маҳфират ХУШВАҚТОВА,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис

ТАБРИКОТИ САМИМОНА БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВ БА ХАЛҚ ВА ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!
Самимона шуморо бо фарорасии Соли нав табрик менамоям!
Бигузор, соли нави 2024 барои ҳамаамон бахт, фараҳмандӣ ва шукуфоӣ орад!

Бо эҳтироми амиқ,
Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,
Пешвои миллии халқи туркман,
Раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!
Шуморо бо фарорасии соли 2024 самимона табрик менамоям, бароятон самимитарин ва беҳтарин таманноҳоро изҳор медорам.
Мехостам қаноатмандона таъкид намоям, ки муносибатҳои Озарбойҷону Ўзбекистон, ки дар чунин як пойгоҳи мустаҳкам мисли решаҳои умумии таърихиву мадании бародарона бунёд гузошта шудааст, соли гузашта аз ҳар ҷиҳат рушд намуд ва вусъат пайдо кард. Ташрифи давлатиатон ба Озарбойҷон ва ду ташрифи кориатон соли 2024, ташрифи кории ман ба Ўзбекистони бародарӣ, инчунин робитаҳо ва қарордодҳои бисёрамон дар доираҳои гуногунҷанба барои амиқгардии шарикии стратегӣ ва ғанӣ гардидани ҳамкориҳоямон ба мазмуни нав мусоидат намуд.
Бовар дорам, ки ба туфайли кӯшиши муштарак ба хотири халқҳои бародарамон муносибати анъанавии дӯстонаи байни Озарбойҷон ва Ўзбекистон, ҳамкории самарабахшамон дар доираи чӣ дуҷониба ва чӣ ниҳодҳои байналхалқӣ соли 2024 низ торафт васеъ ва мустаҳкам мегардад.
Муҳтарам Шавкат Миромонович, ба шумо ва аҳли оилаатон тансиҳатии комил, бахт ва дар фаъолияти давлатиатон муваффақиятҳои нав, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳ ва шукуфоии ҳамешагӣ орзу дорам.

Бо эҳтиром,
Илҳом АЛИЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!
Ба муносибати соли нав табрикоти самимиро бипазиред.
Соле, ки гузашт, аз рӯйдодҳои муҳими мавзӯи байналхалқӣ моломол буд ва собит намуд, ки тамоми мушкилотро бо ҳам пушти сар намудан мумкин аст.
Бовар дорам, ки соли фарорасида анъанаҳои дӯстии амиқ ва ҳамдигарфаҳмии байни Ҷумҳурии Белорус ва Ҷумҳурии Ўзбекистонро мустаҳкам гардида, бо натиҷаҳои назарраси нави ҳамкории давлатҳоямон дар андозаҳои мухталиф зикр хоҳад гардид.
Аз таҳти дил, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба шумо саломатии комил, бахт ва татбиқ намудани ҳама ғояҳоятонро таманно дорам, ба халқи мамлакататон сулҳ, фараҳмандӣ ва суботнокӣ орзу дорам.

Бо эҳтиром,
Александр ЛУКАШЕНКО,
Президенти Ҷумҳурии Белорус

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент!
Ба муносибати фарорасии соли нави 2024 мамнун ҳастам, ки табрикоти самимӣ ва беҳтарин таманноҳоро ба шумо Аълоҳазрат, ҳукумат ва халқи Ўзбекистони дӯст изҳор менамоям.
Бовар дорам, ки соли фарорасида босамартар хоҳад буд ва умед дорам, ки мо дар муҳити сулҳ зиндагӣ мекунем, ки дар он адолат ва баробарӣ тантана намуда, муноқиша ва муқовимат аз байн меравад.
Қарзи умумии мо – дарёфти ҳалли мушаххаси мушкилоти ҷаҳонӣ, бехатарӣ ва тағйироти иқлим аз тариқи кӯшиш ба сохтмони ҳақиқат, ки дар он тамоми мардумон хушҳол зиндагӣ мекунанд.
Муҳтарам ҷаноби Президент, ман умед дорам, ки муносибати байни мамлакатҳоямон минбаъд низ мустаҳкам мегардад, соли нав бо муваффақияташ дар татбиқи кӯшиш ва ормонҳои халқҳоямон ва инчунин дастрасӣ ба мақсадҳои олӣ таҷассум хоҳад гардид.
Ба шумо Аълоҳазрат беҳтарин таманноҳоро изҳор менамоям ва аз Худованд мехоҳам, ки соли нав шукуфоӣ, тавфиқ ва ба халқи шумо бахт биоварад.
Соли нав муборак!

Бо эҳтироми амиқ,
Абдулфаттоҳ ас-СИСӢ,
Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб

***

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент!
Самимитарин табрикотамро ба шумо ва халқи дӯсти Ўзбекистон ба муносибати соли нав қабул фармоед. Саломатӣ, бахт ва беҳтарин орзуҳоро таманно дорам.
Аз рушди босуботи алоқаҳои дӯстонаи анъанавии ҳамкории байни мамлакатҳоямон дар тӯли беш аз 30 сол аз замони барқарор намудани муносибати дипломатии байни Муғулистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон қаноатмандӣ изҳор менамоям.
Аз идома додани шарикии наздик бо шумо Аълоҳазрат, ҷаноби Президент, дар кори бузург бобати ба дарҷаи нав бардоштани муносибати байни ду мамлакат, ғанӣ сохтани ҳамкории иқтисодӣ бо мазмуни воқеӣ, вусъатбахшӣ ва рушди ҳамкорӣ дар дарҷаҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ шод ҳастам.
Муҳтарам ҷаноби Президент, дӯсти наздики ман, ба воҳӯрӣ бо шумо дар ояндаи наздик барои кушодани саҳифаи нави таърихӣ дар муносибати ду мамлакат умед дорам ва бо истифода аз фурсат ба шумо ва оилаатон саломатии комил, тавфиқ ва бахтро дар соли 2024 орзу дорам!

Бо эҳтироми амиқ,
Ухнаагийн ХУРЭЛСУХ,
Президенти Муғулистон

***

Инчунин табрикоти худро инҳо ирсол намудаанд:

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ***Си Сзинпин****;*
Президенти нахустини Ҷумҳурии Қазоқистон ***Нурсултон Назарбоев****;*
Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон ***Никол Пашинян****;*
Президенти Ҷумҳурии Куриё ***Юн Сок Ёл****;*
Сарвазири Ҷопон ***Фумио Кисида****;*
Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ***Иброҳим Раисӣ****;*
Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур ***Ли Сян Лун****;*
Президенти Ҷумҳурии Федеративии Олмон ***Франк-Валтер Штайнмайер****;*
Сарвазири Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ***Риши Сунак****;*
Президенти Ҷумҳурии Италия ***Серҷо Маттарелла****;*
Президенти Венгрия ***Каталин Новак****;*
Сарвазири Венгрия ***Виктор Орбан****;*
Шоҳи Норвегия ***Ҳаралди V****;*
Президенти Ҷумҳурии Юнон ***Катерина Сакелларопулу****;*
Президенти Ҷумҳурии Полша ***Анҷей Дуда****;*
Капитан-регентҳои Ҷумҳурии Сан-Марино ***Филиппо Таманини ва Гаэтано Троина****;*
Президенти Ҷумҳурии Молдова ***Майя Санду****;*
Президенти Украина ***Владимир Зеленский****;*
Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия ***Валентина Матвиенко****;*
Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия ***Михаил Мишустин****;*
Раиси Шӯрои машваратии халқии сиёсии Ҷумҳурии Мардумии ***Чин Ван Хунин****;*
Муовини Сарвазир, вазири корҳои дохилии Аморати Муттаҳидаи Араб шайх ***Сейф бин Зоид ал-Наҳайян****;*
котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай ***Чжан Мин****;*
раиси Кумитаи иҷроия – Котиби иҷрогари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ***Сергей Лебедев****;*
котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ ***Кубаничбек Омуралиев****;*
котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодӣ ***Хусрав Нозирӣ****;*
котиби генералии Созмони ҳамкории исломӣ Ҳусейн ***Иброҳим Таҳа****;*
котиби генералии Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ ***Йенс Столтенберг****;*
котиби генералии Шӯрои Байнипорлумонии ассамблеяи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ***Дмитрий Кобитский****;*
намояндаи махсуси Котиби генералии СММ дар Осиёи Марказӣ, сарпарасти Маркази минтақавии дипломатияи превентив барои Осиёи Марказӣ ***Каха Имнадзе****;*
президенти Бонки осиёии сармояҳои инфрасохтор ***Сзин Литсюн****;*
президенти Фонди байналхалқии рушди кишоварзӣ ***Алваро Ларио****;*
президенти Кумитаи байналхалқии олимпӣ ***Томас Бах****;*
президенти Федератсияи байналхалқии дзюдо ***Мариус Визер****;*
Патриархи Маскав ва тамоми Русия ***Кирилл****.*

Расидани табрикот идома дорад.

Дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 1-уми ноҳияи Шуманайи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон баҳри ташкили таълими табъи дил шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҷо 759 нафар хонанда бо таълим фаро гирифта шудаанд.

Устохонаи кухнаи назди мактаб дар тӯли солҳои хониши 2021-2022, 2022-2023 ба ивази 1 миллиард сӯме, ки тавассути портали «Буҷети кушод» ҷудо карда шуда буд, баъди таҷдиду таъмир, ба маркази касбомӯзӣ табдил дода шуд. Дар ҳоли ҳозир ҷавонон дар ин ҷо асрори дуредгарӣ, чокдӯзӣ ва пазандагиро меомӯзанд. Устохона бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида шудааст.

Дар акс*: лавҳае аз мактаби мазкур.*

Аксбардор:
М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

Акси садо

МАВЗЕЪҲОИ ҲАМНОМ ЗИЁДАНД

Дар мамлакатамон бо номи Шӯрча, Шӯристон ва Шӯробод мавзеъҳои зиёд ҳастанд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Қарокӯлу Шофиркони вилояти Бухоро низ бо чунин ном деҳаҳо мавҷуданд, ки ман хостам аз рӯйи дарки худ мушоҳидаҳоямро баён намоям.

Пас аз мутолиаи мақолаи хабарнигори рӯзнома дар вилояти Самарқанд Зоҳир Ҳасанзода «Кори бемашварат накӯ н-ояд» («Овози тоҷик», 7.06.с. 2023, №45) хостам баъзе мулоҳизаҳои худро дар ин замина аз минтақаи худамон бо хонандагон баҳам бинам.

Соли 2000-ум аз сокинони деҳаи Шӯристон талабномае пешкаш гардид. Банда, ки он солҳо ҳамчун аъзои гурӯҳи топонимномгузории назди ҳокимияти ноҳия будам, надонистам, ки ба талаби онҳо чӣ ҷавоб диҳам. Азбаски касби қадимаи бобоии аҳли деҳа танӯрсозӣ буд, ба деҳа гузоштани номи «Кулолон»-ро пешниҳод карда буданд. Бо ҷонибдории зиёд талаби аҳли деҳ қонеъ гардонда шуд. Дарҳақиқат, заминҳои деҳ ҳосилхез буданду аз шӯрӣ нишоне надошт…

Сониян ба ҷойгиршавии ҷуғрофии деҳа эътибор додаму номи таърихии он ба наздам рӯ кушод. Деҳа дар байни харобаву талу тепаи қалъаҳои кухнаи Қӯрғони Вардонзе (аз шимол), Хоҷа Ғуломте (аз шарқ), Талисафед, Мискинота ва Ўртакент (аз ҷануб), Паҳнтепа ва Тали Кулол (аз ғарб) мавқеъ дорад.

Дар байни ҳашт қалъа ҷойгир будани мавзеъ онро аз хавфу хатар эмин нигаҳ медошт. Оби софу зулоли рӯди Султонобод бошад, ин маконро хеле обод гардонида буд. Шояд аз ин сабаб бошад, бобоёни мо дар гузашта ин мавзеъро «Шаҳристон» номида бошанду бо мурури замон он ба тарзи «Шаристон» ва дертар номи «Шӯристон»-ро гирифта бошад…

Оғози солҳои 80-ум харобаҳои қалъаҳои Паҳнтепа, Тали Кулол, Тали Сафед бо воситаи техникаи пурқувват ҳамвор гардонда, ба заминҳои корам табдил дода шуд. Бо афсӯс дар омади сухан бояд қайд намуд, ки аз 39 ёдгории қадима ҳоло дар ноҳия танҳо 21 адади он боқӣ мондааст халос.

Оем ба сари истилоҳи Шӯрча. Маҳаллае дар ноҳияи Рометан ва як мавзеи чӯли Қизилқум, ки наздиктар ба Қӯрғони Вардонзе аст, чунин номида мешавад.

Дар гузаштаи наздик қавме мансуби арабҳо дар ин ҷо умргузаронӣ мекарданд, ки ҳоло аз сабаби камшавии об аз ин ҷо ба деҳаи Искогаре кӯч бастаанд. Тарҳи пойдевори хонаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин ҷо аҳолӣ зич ҷойгир будааста шояд он «Шаҳрча» номбар шуда бошад ва Шаҳрча низ солҳову асрҳо гузашта, ба «Шӯрча» мубаддал гашта бошад.

Дар гузаштаи қадим подшоҳон деҳаҳои махсуси худро доштанд ва дар ин ҷо одамони содиқ ба ҳукмдор бо деҳқонӣ шуғл меварзиданду лаҳзаҳои зарурӣ дар сафи лашкар буда вақтҳои холӣ бо кори худ банд мешуданд.

Подшоҳон ба касоне, ки бо садоқати хоса хидмат мекарданд, чун мулки якумра мавзеъҳоро тухфа мекарданд. Монанди Тошработ, Работи Малик, Работи Сангин. Мулкҳое, ки ба касон бахшида мешуд, тавре таъкид гардид, бо номи ҳамон шахс номбар мешуд. Аз рӯйи тахмини мо Шӯробод бояд Шоҳработ бошад, яъне мулке, ки ба шоҳ тааллуқ дорад. Аз ин мулк барои хазинаи подшоҳӣ андоз гирифта намешуд ва аз ин сабаб коркунони ин мавзеъ дар сериву пурӣ умргузаронӣ мекарданд.

Азбаски ҷойи ҳосилшавии ҳамсадои »ҳ» ҳалқум асту талаффузаш андаке душвортар, мардум онро ба тарзи «Шоработ» истеъмол карда, охирон садоноки «о» ҳам аз истеъмол баромада, мавзеъ номи «Шӯработ»-ро гирифтааст.

Дар чанд ҷойи Бухоро мазористонҳое ҳастанд, ки «Чилдухтарон» номида шудаанд. Назар ба маълумотҳо дар қадим агар мардони деҳа барои ин ё он кор берун аз зодгоҳ мешуданду кӯчманчиён ба манзил ҳуҷум мекарданд, занону духтарон либоси ҷангӣ ба бар карда, деҳаро ҳифз менамуданд. Дар ин роҳ шаҳид шаванд ҳам, ба қафо барнамегаштанд.

Дар ноҳияҳои Шофиркон, Ҷондор, Когон ва дигар мавзеъҳои мамлакатамон бо чунин ном қабристонҳое ҳастанд, ки шояд он духтарон дар роҳи сулҳу осоиши зодгоҳ ҷоннисориҳо карда бошанду манзили охирини онҳо «Чилдухтарон» номида шуда бошад.

Алимурод ТЕМИРОВ.

Ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.

Пайванд

МЕҲРИ ОДАМӢ ДАР ЧАШМИ ЎСТ

Истиқлол на танҳо дару дарвозаҳои сарҳад, чашми мардумро низ кушод. Интернет ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳам пайваст. Ба ин нисбат аз таҳаввулоти дохили кишвар ва беруни он мудом бохабарем. Вале кайфияти равуо, дидорбинии дӯстони наздик гапи дигар аст.

Аз байн «гурбаи сиёҳ» давиду солҳои дароз сарҳадҳо баста шуданд. Шукри Худо, ки меҳри дӯстӣ «гурбаи сиёҳ»-ро аз миён бардошт. Чунонки дар як мақолаам гуфта будам: «Шавкати мо саддi Искандар шикаст». Равобит байни Ўзбекистону Тоҷикистон аз нав вусъат пайдо кард.

Махсусан дар соҳаи фарҳанг. «Овози тоҷик» аз мулоқоту ташрифоти ҳасана пайиҳам хабару мақола ва гузоришҳо чоп карда, муғҷаҳои дарахти дӯстиро шодоб менамояд.

Даъват шудани ходимони масъули «Овози тоҷик» Муҳаммадҷони Шодӣ ва Тоҷибой Икромов барои иштирок дар ҷашни 70-солагии шуъбаи вилояти суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва ба унвони «Рӯзҳои фарамӯшнопазир дар зодгоҳи Шайх Камол» («Овози тоҷик» 1.11.2023) баъди сафар ба табъ расидани мақолаи муфассале аз фазои мусоиди дӯстӣ, барқарории меҳру оқибати ҳамсоякишварҳо аз ҷумлаи онҳост. Барои таҳвияти ин ифода метавон аз сафари сармуҳаррири «Овози тоҷик» бо як гурӯҳ аъзои Иттифоқи журналистони Ўзбекистон ба Душанбе ёдовар шавем, ки раҳовардаш дар «Овози тоҷик» чоп шуда буд.

Аз шунидани таассуроти сафари эҷодии тележурналисти фаъоли ўзбек Рӯзибой Қўлдошев ба Душанбе, ки дидаю шунидаҳояш «дар як филм намеғунҷад», маро ба илҳом овард. Сарманшаи эҳсосоту ғурур ва саршор аз самимият сухан кардани ў дар он аст, ки дар ҳар ду ҳамсоякишвар ба ҷуз хешу табор бисёр муштариён дорад. Як омили шуҳраташ шояд он бошад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон телевизиони Ўзбекистонро ҳама метавонанд тамошо кунанд. Ба ин нисбат мо ҳам чунин тақозо изҳор доштему такрораш муфид медонем.

Шуҳрат ёфтани силсилафилмҳои ҳуҷҷатии таҳти рукни «Қадри инсон» эҷодкардаи Рӯзибой Қўлдошев амри табиист. Чунки қаҳрамонҳои вай намунаи ибрат, шоистаи таҳсини ду халқи бародаранд. Гирем, асарҳои оид ба фаъолияти устодон Қорӣ Ниёзӣ ва Комил Ёрматов, таъсисгари илми кайҳон дар Ўзбекистон, академик Воҳидов бардоштааш. Ёки филми мустанаде, ки аз рӯзгори академик Саъдӣ Сироҷиддинов нақл мекунад. Онҳо ҷанбаҳои таърихӣ ва тарбиявӣ доранд.

Филмномаи тозанашри ў, нисбати рӯзгори собиқ сарвари Ўзбекистон – Инъомҷон Усмонхўҷаев, тирагиҳои осмони сиёсати КПСС-ро равшан намуда, сиёҳкориҳои «Парвандаи пахта»-ро, ки аз ҷониби Гдляну Иванов, бар зидди раҳбарият ва халқҳои меҳнатқарини кишвари мо – Ўзбекистон роҳандозӣ шуда буд, фош кард.

Дар омади гап бояд арз намоям, ки ў вақти ба наворгирии филми «Академик Сироҷиддинов» маро ҳам даъват карда буд, то ки чизе бигӯям. Зеро, аз очерки дар «Овози тоҷик» таҳти рукни «Се чинори Тоҷикистон дар бӯстони Ўзбекистон» чопшудаи ман, ки он дар бораи се бародарони ҳамхун, ки яке академику дигаре аввалин генерал ва вазири ВҚД Ўзбекистон, сеюмӣ: Абдуманнон Ҳасанов – профессори соҳаи обёрӣ буданд, хабар дошт.

Гап сари он аст, ки ман баъди дар шифохонаи ҳукматӣ ошноӣ бо бародари хурдӣ, иштирокчии ҶБВ, профессор Абдуманнон Ҳасанов ҳамин очеркро навишта, аз саҳви «Энсиклопедияи ўзбек», нисбати миллияти онҳо, ки якеро тоҷику дуи дигарро ўзбек, зодаи Қуқанд муаррифӣ кардааст, эрод гирифта, тоҷики конибодомӣ будани онҳоро собит карда будам. Он вақт акаи Абдуманнон ба ман бисёр миннатдорӣ карда буданд, ки туфайли ҳамон очерк хешони конибодомиасли душанбегиашонро ёфтаанд.

Боди сиёсат ҳамеша як ранг намевазад. Дар замони пеш, ҳатто, рӯзноманигори чун ғаввос ба муқобили маҷро шиновар ҳам, баъзан зимни ифодаи ҳақиқат замонасозӣ мекард.

Дар партави сиёсати кунунӣ ба таърихи гузашта ва воқеиятҳо бо чашми воқеъбин нигаристан амали савоб аст. Ҳангоми инъикоси рӯзгори гузаштагони бузург, ё қаҳрамонҳои ҳозира, равшан намудани номи миллати қаҳрамони асар, ба ҷуз савоб иллате надорад. Билхосса, дар рӯзномае, ки саргузашташ баробар ба як аср аст.

Айни замон баъзе аз қаламбадастон ҳангоми иншои маводи чопӣ гоҳе аз истифодаи калимаи «тоҷик» парҳез мекунанд, ки далели ғафлатзадагии онҳост. Номи миллат дар мақола натанҳо кайфияти қаҳрамони асарро боло мебардорад, балки боиси тафохури ҷомеаи сермиллати ҷумҳурӣ мегардад.

Ҳаёт торафт башиддат мешавад. Дар инъикоси воқеаҳо журналистон нақши муҳим доранд. Навиштаҳои онҳо бояд омили истеҳкоми дӯстии халқҳо шавад, барои амалӣ шудани ислоҳоти ҷомеаи мо хидмат намояд. Тавре ки тележурналисти ўзбек Рӯзибой Қўлдошев, баъди анҷоми сафари эҷодиаш дар Тоҷикистон, зимни суҳбати телефонӣ ба ман гуфт: «Агарчи ман дар асл тоҷикистониям (ҷойи таваллуди ў собиқ ноҳияи Гончӣ) бори аввал ба Душанбе рафта, аз манзараҳои дилфиребу мардуми одамдӯсташ бо худ бӯйи биҳишт, тафаккури тоза овардам! Таассуротам дар як филм намегунҷад. Барои ин, аз Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон, васлгари хастанопазири дӯстии халқҳои тоҷику ўзбек Абдуҷаббор Раҳмонзода ва аз ҳамсафари ҳуд, журналист Шоқаҳҳор Салимов миннатдорам».

Соли нав ба ҳама дӯстон муборак бошад!

М. ОТАХОНЗОДА,
Журналисти шоистаи Ўзбекистон,
раиси Маркази маданияти тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно».

НИГАҲДОРИИ ТАНДУРУСТӢ – СОҲАИ МУҲИМ

Солҳои охир бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлатамон барои ҳифзи саломатии аҳолӣ корҳои ибратбахш амалӣ мешаванд. Мутобиқ ба ҳадафҳои «Стратегияи ҳифзи саломатии мардуми Ҷумҳурии Ўзбекистон то соли 2030» ҷамоаи аҳлу тифоқ ва байналмилали шифохонаи марказии шаҳри Самарқанд дар самти хизматрасонии тиббӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар арафаи иди Соли нав бо мақсади ошноӣ аз фаъолияти табобатхонаи мазкур бо сардухтур, доктори фанҳои тиб Аҳмадҷон БОБОҶОНОВ суҳбат оростем.

Ў дар оғози мулоқот изҳор дошт, ки соҳаи тандурустӣ дар ҳаёти ҷомеа нақши муҳим дорад ва тавре Президент Шавкат Мирзиёев дар Мурочиатномаи худ ба Олий Мажлиси ва халқи кишвар таъкид кард, Вазорати тандурустӣ ва умуман шифокорон бояд ба мақсади беҳдошти сифати хидматрасонии тиббӣ, доир ба дастгирии мутахассисони ҷавон, баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони соҳаи мазкур тадбирҳои мушахас андешанд. Иттиҳодияи тиббии Самарқанд низ вазифадор карда шуд, ки барои таъмин намудани аҳолӣ бо хидмати баландихтисос ва ҷиҳати ворид кардани усулҳои муосири ташхису табобат, технологияи инноватсионӣ чораҳои заруриро амалӣ кунанд.

Шабакаҳои муассисаи табобатӣ 21-то буда, мо ба беш аз 600 ҳазор нафар аҳолии шаҳр ва бархе аз манотиқи ноҳияҳои вилоят хидмати тиббӣ мерасонем. Танҳо соли 2023 қариб ба 52 ҳазор нафар хидмати беминнат расонда шуд. Зиёда аз 40 ҳазор нафар ройгон табобат гирифтанд. Дар тасарруфи мо 1068 кати статсионарӣ мавҷуд буда, 1 ҳазору 183 нафар духтурони баландихтисос ва 2 ҳазору 524 корманди миёнаи тиббӣ кору фаъолият доранд.

– Аҳмадҷон Султонбоевич, Иттиҳодияи тиббии шаҳри Самарқанд бо киҳо ифтихор дорад?

– Аксар ходимони тиббии мо таҷрибаи хуби корӣ доранд, онҳо беморонро на танҳо бо доруву дармон, инчунин бо табассуму суханони хушу гуворо табобат мекунанд. Ҷарроҳон Суръат Азимов, Уйғун Раҳмонов, анестезиолог, собиқ сарбози байналмилал Ҳабибулло Муртазоев, кардиолог Азиза Набиева, мудири шуъбаи бачагон Шоира Нуруллоева, терапевт Субҳия Очилова, мудири таваллудхонаи рақами якум Владимир Ким, роҳбари поликлиникаи рақами 12 Дилбар Собирова, мудири шифохонаи бемориҳои сирояткунанда Роҳила Бадалова ва дигарон бо кори неку номи нек ба ҳурмату эҳтиромӣ умум сазовор гардидаанд.

– Ҳифзи сиҳҳатии модару кӯдак таҳкурсии равнақи ҷамъият аст. Дар ин самт чӣ гуна дигаргунӣ ҳаст?

– Дар олам шахси азизу меҳрубонтаре аз модар нест. Вуҷуди мо аз ӯст.

Боиси хушнудист, ки сарвари давлат ба ривоҷу равнақи тиббиёт эътибори доимӣ медиҳад, аз ҷумла барои ҳифзи саломатии модару кӯдак дар назди мо, ворисони Ибни Сино вазифаҳои нав ба нав мегузорад. Танҳо соли равон 126 ҳазору 817 нафар бонувон аз назорати тиббӣ гузаронида, 47 ҳазору 263 нафарашон дар асоси муайян гардидани хастагӣ табобат гирифтанд.

– Дар соли нав чӣ гуна дигаргуниҳои азим ба нақша гирифта шудаанд?

– Шояд шумо хабардор бошед, ки соли 2024 аҳолии шаҳри Самарқанд аз як миллион нафар мегузарад.

Дар соли нав боз ду поликлиникаи оилавӣ, дар шаҳрчаи Қарасув маҷмӯаи таваллудхонаи замонавӣ барои 200 нафар, шабакаи шаҳрии «ёрии таъҷилӣ» бунёд ёфта, ба истифода супурда мешаванд...

– Аҳмадҷон Султонбоевич, чанде пеш аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаҳмидем, ки рисолаи доктори фанҳои тибро бомуваффақият дифоъ кардаед. Фикр мекунам, ин туҳфаи хубе ба 50-солагиатон аст. Аз номи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» самимона муборакбод менамоем ва комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

– Як ҷаҳон ташаккур!

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

НАВГОНИҲОИ САМТИ НАВОВАРӢ

«Сарпӯш»-е ихтироъ шуд, ки фикри одамонро хонда метавонад

Олимони австралиягӣ дар ҷаҳон аввалин низоми зеҳни сунъии ноинвазиво-ро тақдим карданд, ки метавонад фикрҳоро ба матн табдил диҳад.

Дар ин ҳолат ба майнаи инсон имплантатсия кардан шарт нест – пӯшидани таҷҳизоти ба сарпӯш монанд кифоя аст.

Ба технология DeWave ном дода шуд. Он дар бисёр ихтиёриён аз озмоиш гузаронда шуд.

Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки «сарпӯш»-ро пӯшида, «дар дарун гап зананд». Дар ин муддат, система мавҷҳои мағзи сари онҳоро тавассути электроэнсефалограмма (ЭЭГ) сабт намуда, онҳоро рамзкушоӣ кард.

Олими Донишгоҳи технологии Сидней Чин-Тен Лин гуфт: «Ин пажӯҳиш навгонии самти навъоварӣ дар мустақиман ба забон кӯчондани мавҷҳои ЭЭГ буда, комёбии муҳими соҳа ба ҳисоб меравад».

Дар рафти таҷрибаҳо низом ба бештар аз 40 фоиз дақиқӣ ноил гардида тавонист. Ин назар ба технологияи қаблии пахши фикрҳо дар сабтҳои ЭЭГ 3 фоиз беҳтар аст.

Ҳадафи муҳаққиқон расидан ба дақиқии 90 дарсад аст. Пас аз тақмил додани система, метавонад ба беморони гирифтори инсулт ва фалаҷ дар робита бо ҷаҳон кумак кунад. Илова бар ин, он метавонад барои идоракунии протезҳои бионикӣ ва роботҳо истифода шавад, хабар медиҳад mir24.tv.

Пойгаи мошинҳои беронанда

Дар Аморати Муттаҳидаи Араб дар ҷаҳон бузургтарин пойгаи мошинҳои бидуни ронанда баргузор мешавад. Дар мусобиқа 10 команда иштирок мекунад. Мусобиқа 28 апрели соли 2024 дар Абу-Дабӣ баргузор мешавад.

Дар роҳаки Yas Marina, ки барои Формула-1 пешбинӣ шудааст, ба ҷойи пойгачиён, кодерҳо – барномасозоне, ки мувофиқи мушаххасот дар навиштани код тахассус доранд, рақобат мекунанд.

Пойгаи худмухтор на танҳо як намуди нави варзиш, балки платформаи тадқиқот ва рушди технологияи автомобилҳои мухтор мебошад. Дар ин чорабиниҳо муҳаққиқон ва муҳандисон метавонанд алгоритмҳо ва системаҳои худро санҷанд ва такмил диҳанд.

Ҳавопаймоҳои боркаши бесарнишин

Ширкати ҳавопаймоии британиёии Droneliner бобати офаридани ҳавопаймоҳои боркаши бесарнишини иқтидори борбардориаш беш аз 300 тонна кор пеш мебаранд.

Ин метавонад нархи парвози ҳавопаймоҳоро дар саросари ҷаҳон коҳиш диҳад. Ҳавопаймоҳо аз масофаи дур идора карда мешаванд, ки ин хароҷоти экипажро то ҳадди ақал кам мекунад.

Гуфта мешавад, ки Droneliner ба нақша гирифтааст, ки ду модел истеҳсол кунад: DL200 иқтидори ҳадди аксар 180 тоннаро дошта, метавонад аз 36 то 40 контейнерро интиқол диҳад. Ва DL350 метавонад аз 70 то 80 контейнер ғунҷонда, то 318 тонна бор бардорад.

Ширкат иддао дорад, ки истифодаи Droneliner метавонад нархи парвози ҳавопаймоҳоро беш аз 70 дарсад коҳиш диҳад.

Аввалин намунаи мошини парвозкунанда

Намунаи аввалин мошини парвозкунандаи ҷаҳон дар автосалони Детройти Амрико муаррифӣ шуд.

Ширкати «Alef Aeronautics» прототипи Model A-ро муаррифӣ кард, ки ба седанҳои муқаррарӣ хеле монанд мебошад, он ба интерери шардори лаълии паррон шабеҳ дошта, ба дарачаи ҷойгир кардани ду мусофир васеъ аст», омадааст дар хабар.

Ба нақша гирифта шудааст, истеҳсоли силсилавии нахустин мошини парвозкунандаи ҷаҳон тақрибан баъд аз ду сол оғоз шавад. Нархи мошин тахминан 300 ҳазор доллярро ташкил медиҳад.

СОЛИ 2024 – СОЛИ МОҲӢ

Ҳар касе, ки дар ин сол таваллуд шудааст, саломатии хеле хуб дорад ва дорои қувваи бузург ва покдоман аст. Зиллат, хушомадгӯйӣ ва ғайбат бароях бегона аст. Онҳо бовариник ва ростқавланд, аксар вақт ва сабаби дурӯғ оромии худро гум мекунанд. Талоши камолот онҳоро водор месозад, ки нисбат ба худ ва ҳам дигарон серталаб бошанд, бисёр чизҳоро талаб мекунанд, аммо аз талабот зиёдтар кор мекунанд. Онҳо одамони софдил, таъсирбахш ва ҷасур ҳастанд ва ба осонӣ ба онҳо бовар кардан мумкин аст. Онҳо инсонҳои самимӣ, ба андешаҳои шумо, ки одатан иброз медоред, ҳамеша эътибор доранд, зудбоваранд, бинобар ин зуд-зуд фиреб мехӯранд. Онҳо маслиҳатҳои хуб медиҳанд, одамони боистеъдод, бомаърифат ва иродаи қавӣ доранд. То охири умр ҳеч гоҳ хаста намешаванд ва дар ҳама кор муваффақ шуда метавонанд. Новобаста аз он ки кадом касбро интихоб мекунанд, ҳамеша ғолиб меоянд. Аксар вақт, дӯстдоштаи ҳамааанд, аммо худашон кам ба дигарон маъқуланд. Онҳо ҳеч гоҳ ноумедӣ ё дарди ишкро аз сар намегузаронанд. Аммо худашон метавонанд муноқишаи ишкро ба вуҷуд оранд. Одамоне, ки дар ин оила таваллуд шудаанд, хеле кам дар синни ҷавонӣ издивоҷ мекунанд, баъзеҳо ҳатто як умр танҳо зиндагӣ мекунанд, аммо ин онҳоро рӯҳафтода намекунад, баръакс, аз танҳоӣ худро хушбахттар ҳис мекунанд. Онҳо қарз гирифтан ва дароз суҳбат карданро дӯст надоранд, ба меҳру шафқат моиланд ва баъзан ба дигарон имкон медиҳанд, ки аз ин истифода баранд. Аз сабаби ҳаваскҳои шоирии худ, онҳо дар тӯли ҳаёташон худ мушкилоти зиёдеро ба бор меоранд. Аммо вақте ки калонтар мешаванд, хушбахтӣ ва иҷрои тамоми хоҳишҳои худро пайдо мекунанд.

Таҳияи **Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

Поликлиникаи марказии бисёрсоҳаи иттиҳодияи тиббии ноҳияи Томдӣ, ки яке аз гӯшаҳои дурдасти вилояти Навоӣ мебошад, ба аҳолӣ хидмати малакаанокии тиббӣ мерасонад.

Дар асоси лоиҳаи «Саломатӣ-3» шуъбаи перинаталии поликлиникаи мазкур соли 2019 бо ҷиҳози тиббии замонавӣ таъмин гашт. Мошинҳои кумаки таъҷилии замонавӣ оварда шуданд. Сохтори «Поликлиникаи электронӣ» ҷорӣ буда, ин имкон медиҳад варақаҳои амбулатории электронӣ истифода шаванд, беморон дар хонаашон истода, ба қабули шифокор нависонанд, дар вақти қулай аз хидмати тиббӣ баҳраманд шаванд.

Дар сурат: *дар поликлиникаи марказии бисёрсоҳаи иттиҳодияи тиббии ноҳияи Томдӣ.*

Суратгир: С.АСЛОНОВ (ЎзА).

Антон ЧЕХОВ

БАРФИ АВВАЛ

(Ҳикояи хурд)

Тахминан дар соати ёздаҳи шаб барфи аввал борид. Гӯё, ки ҳамаи мавҷудот зери ҳукми ӯст. Баъди ба ҳаво паҳн шудани бӯйи форами барф, ғичирроси он зери пойи одамон форамтар ба гӯш мерасид. Замин, бому дарахтҳо ҳатто курсиҳои атрофи роҳ назар ба хонаи ман ҷозибаноктар ба назар мерасиданд. Чароғҳои кӯча равшантару обу ҳавояш тозатар буд...

Аз забони русӣ тарҷумаи
Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.

Нависандаи бомаҳорат, журналисти дақиқназар, инсони фарҳангдӯст, узви Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон, ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» Ҳамза Ҷӯра аз мухбирони фаъоли ҷамоатии «Овози тоҷик» мебошад. Мақолаҳояш дар мавзӯъҳои адабӣ ва масъалаҳои муҳими рӯз мунтазам чоп мешаванд.

Алҳол ӯ рӯзгор ва осори шоиру нависандагонеро, ки дар охири асри XIX ва ибтидои садаи XX умр ба сар бурдаанд, таҳқиқ намуда, ният дорад саҳифаҳои торику номуайяни муҳити фарҳангии ин давр, эҷодиёти симоҳои маъруфи адабиёти маорифпарвариро дақиқ омӯзад ва ба аҳли завқу назар пешкаш намояд.

Инак, мо тасмим гирифтем, ки намунаҳоро аз ин силсилаи мақолаҳо барои муштариёни рӯзнома чоп кунем.

1. МАОРИФПАРВАРЕ, КИ ДАР ҲАБСХОНАИ СИБИР ФАВТИД

Аксар медонанд, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар кишвари мо даҳҳо ҷадидон — маърифатпарварон умр ба сар бурда, баҳри пешрафти ҳаёт ва саводнокшавии аҳолӣ, бахусус ҷавонон саҳми бузург гузоштаанд. Кору фаъолият ва эҷодиёти онҳо ба даври истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ва ваҳшонияту зулми аморати Бухоро рост омада буд. Ин аст, ки Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Фахриддини Роҷӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукрулло ва чанде дигарон дар Самарқанд барои ташкил намудани мактабҳои усули нав ва ислоҳ кардани ҷараёни таълим дар мадрасаю мактабҳои аморати Бухоро ҷонашонро ба хавф гузошта, амал кардаанд. Аммо аксарияти онҳо дар солҳои сиюми асри гузашта бо тамғаи «душмани халқ» кушта ё ҳабс карда шудаанд. Яке аз онҳо шоир, драматург, журналист Ҳоҷӣ Муин Шукрулло мебошад, ки соли сипаришуда дар Ўзбекистону Тоҷикистон аҳли илму адаб 140-солагии ўро таҷлил намуданд.

Ҳоҷӣ Муин Шукрулло соли 1883 дар гузари Руҳободи шаҳри Самарқанд дар оилаи хидматчӣ таваллуд ёфтааст. Ӯ дар 7-солагӣ аз модар ва дар 12-солагӣ аз падар ятим монда, дар тарбияи бобои босаводаш мемонад. Бо кумаки бобояш – Мирсаид дар муддати кутоҳ саводи динӣ бароварда, сипас таҳсилро дар мактаби шоир Васлии Самарқандӣ давом медиҳад ва ба навиштани шеър ҳавас пайдо мекунад. Аз устодаш илми сарфу наҳв, ҳисобу китоб ва ғайраро мукаммал омӯхта, чанд муддат муаллимӣ мекунад. Бо маслиҳати маорифпарвари машҳури замон Абдуқодир Шакурӣ ва устодаш Васлӣ дар гузари Хоҷа Нисбатдори шаҳр мактаби усули ҷадид ташкил карда, ба шогирдон баробари донишҳои динӣ, аз фанҳои дунявӣ низ дарс мегӯяд. Дар ин муддат борҳо ба ҳуҷуми хурофотпарастон дучор шавад ҳам, фаъолияти худро далерона давом медиҳад.

Бо гузашти солҳо Ҳоҷӣ Муин дар муҳити Самарқанд ҳамчун шоир ва адиб шинохта шуд. Намунаҳои эҷодиаш дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҳамон давр мунтазам чоп мешуданд. Онҳо мазмун ва мундариҷаи ҷадидона дошта, ҷавононро ба озодфикрӣ ва саводомӯзӣ ҳидоят мекарданд. Ӯ ғайр аз забони тоҷикӣ, ба забонҳои туркӣ (ўзбекӣ) ва арабӣ ҳам менавишт. Хурофотпарастонро чашми дидан надошт. Шеърҳои ҳаҷвию танқидиашро дар нашрияҳои «Тарҷумон», «Самарқанд» ва ғайра бо тахаллусҳои «Ботурбек», «Мулложунбул», «Гумном», «Мушфиқӣ» чоп мекард. Дар ин бора худи ӯ дар хотираҳояш мегӯяд: «Шеърҳои то соли 1914 навиштаам қариб 2000 мисраъро дар бар мегирифтанд».

Ҳоҷӣ Муин соли 1914 чанд шеъри ба тарбияи наврасон бахшидааашро ҷамъ оварда, ба унвони «Гулдастаи адабиёт» аз чоп баровардааст. Он аз нуздаҳ саҳифа иборат буда, шеърҳои таълимиву ирфонии муаллифро фаро гирифтааст. Омӯзгорон шеърҳои «Панд бахри фарзанд», «Хитоб ба кӯдаки беилм», «Насиҳат», «Тифли бузург», «Искандар ва фақир», «Иттифоқ», «Шикоят», «Ба нафси худ», «Эътироф»-и ўро, ки дар ин баёз ҷой доштанд, ҳангоми тадрис истифода бурдаанд.

Адабиётшиносон фаъолияти адабии Ҳоҷӣ Муинро омӯхта, ба драматургия, асарҳои саҳнавии вай баҳои баланд додаанд. Чунончӣ, шодравон адабиётшинос, олим ва муҳаррир Ғафурҷон Маҳмудов дар асараш «Мавзӯи истиқлоли миллӣ дар адабиёти ҷадид» дар бораи драматургияи мавсуф чунин навиштааст:

«Драмаи «Мактаби куҳна — мактаби нав»-и Ҳоҷӣ Муин (1916) ба масъалаи муҳими давр — тарғибу ташвиқи мактаби усули нав бахшида шудааст. Агар дар дигар песаҳо образи бой қаҳрамони манфӣ бошад, дар асари Ҳоҷӣ Муин вай ба сифати қаҳрамони пешқадам, тарафдори мактаби нав ва навоварӣ ҷилвагар мешавад... Дар драма ғояи ба мамлакати дигар асир нашудани одамон ҳам пеш гузошта шудааст» (Ғ. Маҳмудов, «Ҷадид адабиётида миллий истиқлол». Тошкент 1999, саҳ. 66).

Савол пайдо мешавад, ки майлу ҳаваси Ҳоҷӣ Муин ба драматургия аз куҷост? Пеш аз ҳама, ин таъсир аз эҷодиёти Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва ба хусус, песаи «Падаркуш»-и ўст. Зеро ӯ дар хотираҳояш чунин мегӯяд: «Дар таърихи соли 1914 песаи «Падаркуш» дар Самарқанд ба саҳна гузошта шуд. Ин асар ба ман сахт таъсир кард ва ман дигар корҳоро як сӯ гузошта, аз пайи навиштани асарҳои саҳнавӣ шудам. Сараввал бо ҳаммуаллифии Нусратулло Қудратуллоев песаи «Тӯй»-ро навиштем. Дар он давлатманде, ки барои суннатии писараш сарфу хароҷоти беҳуда карда, охирон ба ҳабс гирифтор шудааст, ҳаҷву танқид карда мешавад. Мазмун ва ғояи ин асар бинандаро ба камхарҷ гузарондани тӯю маъракаҳо ҳидоят мекард, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошт. Ҳамин тариқ, ман ҳамон солҳо пасу пеш песаҳои «Зани мазлума», «Кӯкнорӣ», «Мактаби кӯҳна — мактаби нав»-ро навишта, ба саҳна гузоштам. Дар байни онҳо песаи «Зани мазлума» аз ҷониби тамошобинон хеле ҷонибдорӣ карда шуд. Ин аст, ки асари мазкур на танҳо дар Самарқанд, балки дар тамошохонаҳои берун аз он низ 11 маротиба гаштаю баргашта намоиш дода шуд».

Соли 1919 сарвари ҷадидон Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар шаҳри Қаршӣ аз ҷониби ҷаллодони амир ваҳшиёна кушта мешавад. Ин ҳодиса ба Ҳоҷӣ Муин сахт таъсир мекунад ва бахшида ба ин фоҷиаи мудҳиш песаи машҳураш «Қурбониёни маориф»-ро менависад. Дар асар ваҳшиёна кушта шудани Беҳбудӣ бо тобишҳои гуногуни бадеӣ хеле таъсирнок тасвир шудааст, ки ҳамон солҳо дар театрҳои Самарқанд, Бухоро ва Каттақӯрғон такрор ба такрор намоиш дода шуда, нафрати халқи одиро нисбат ба ҷаллодони амир Олимхон садчанд карда буд.

Ҳоҷӣ Муин шеърҳои ҳаҷвию танқидии худро дар рӯзнома ва маҷаллаҳои даврӣ бо тахаллусҳои гуногун чоп мекард. Ин аст, ки бо ташаббуси ў аввали солҳои 20-уми асри гузашта дар рӯзномаҳои «Меҳнаткашлар товуши» ва «Зарафшон» бо унвони «Таёқ» гӯшаҳои танқидӣ ва ҳаҷвӣ кушода шуданд, ки дар онҳо мустабидон ва душманони халқи камбағал ошкоро танқид ва ҳаҷв карда мешуданд.

Қобили қайд аст, ки ин адиби оташсухан охири ҳамон солҳои пурошӯб дар назди рӯзномаи «Овози тоҷик» ба таъсис додани маҷаллаи ҳаҷвии «Мушфиқӣ» муваффақ мегардад ва ҳамчун муҳаррир дар муддати кӯтоҳ дар атрофи худ ҳаҷвнависони моҳир, аз қабили Фахриддини Роҷӣ (Абӯтанбал), Мунирхон Муйинзода (Ханҷар), Баҳриддин Азизӣ (Кофири Истаравшанӣ), Исмоилхон Домулло (Исфарагӣ), Ҷинқарча Сафохон (Даҳани фаранг), Ахмедӣ (Кунҷков), Ҷабборӣ (Тарсончак), Абдулҳамид Маҷидӣ (Танбал)-ро ҷалб мекунад.

Хонандагон ҳар як шумораи маҷалларо бесаброна интизор мешуданд. Шиори доимии он: «Ростӣ — растӣ, каҷ шудӣ — фач шудӣ» буд. Ҳабару мақолаҳои ин нашрия одӣ, аммо басо нишонрас буданд.

Ин аст, душманон ходимони маҷалла, пеш аз ҳама, муҳаррири он Ҳоҷӣ Муин Шукруллозодаро чашми дидан надоштанд ва пайи қасди ҷони ў мешуданд.

Ҳоҷӣ Муин дар байни шоиру нависандагони охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳамчун адиби маорифпарвар мақоми баланд ва дар пешрафти жанрҳои ҳаҷву драматургия баъд аз Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ саҳми назаррас дошт.

Бо қарибӣ мо ба ҳавлии хурдакаки Ҳоҷӣ Муин, ки дар мавзеи Руҳободи шаҳри Самарқанд воқеъ аст, рафта, бо набераи шоир Бахтиёр дар бораи ҳаёти бобои маорифпарвараш суҳбат оростем:

— Модарам Салимабону, ки фарзанди хурдии бобоям буданд, соли 2018 дар синни 95 вафот карданд. Аз он кас як ҳуҷҷат боқӣ мондааст. Он тарҷимаи ҳоли бобоям, ки 7-уми августи соли 1937 навишта шудааст. Раҳматӣ модарам бо оби чашм такрор ба такрор мегуфтанд, ки падарашон Ҳоҷӣ Муинро бо сабабҳои номаълум соли 1938 ба ҳабс гирифтаанд, эшон соли 1942 дар яке аз ҳабсхонаҳои Русия вафот кардаанд.

Ин ҳуҷҷати 21-саҳифагӣ ба ду забон – тоҷикӣ ва ўзбекӣ навишта шуда, чунин сарлавҳаҳо «Мухтасари тарҷимаи ҳолам», «Кӯшиш ба шоирӣ», «Дар соҳаи драматургия», «Бедорӣ ва ҷадидӣ» ва «Масъалаи мафкура» дорад.

Дар саҳифаҳои 15-16 рӯйихати осори чопшуда (11 номгӯй) ва асарҳои чопнашуда (190 номгӯй), аз ҷумла 1500 мисраъ шеър ва 500 шеъру мақола ба забонҳои ўзбекӣ ва тоҷикӣ мавҷуданд.

Дар саҳифаи 14-уми шарҳи ҳол кас ба чунин ҷумлаҳо дучор меояд: «Лекин ман бо баъзе хатоҳои содиркардаам соли 1929 якчанд сол ба мусибатҳои пай дар пай дучор шудам. Лекин он рӯзҳои сахту сангин низ гузашту аз нав ба кори эҷод машғул шудам».

Ҳамон солҳо Ҳоҷӣ Муин аз ҷониби ходимони НКВД ба ҳабс гирифта шуда, соли 1932 ба озодӣ баромада буд. Акнун ў корҳои маърифатии худро пинҳонӣ давом медод. То соли 1938 дар мактабҳои усули нав кор карда, шогирдонро дар руҳи озодӣ тарбия кард, ба онҳо баробари фанҳои динӣ илмҳои дунёвӣ ҳам омӯзонд. Дар даҳҳо нашрияҳо фаъолияти пурсамар дошт. Вале ҳамеша бо тарсу ваҳм зиндагӣ мекард.

Чунки табъидҳо идома доштанд. Ҳамсафонаш Фахриддини Роҷӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Ҷавдати Самарқандӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Саидризо Ализода ва даҳҳо дигарон ҳамчун душмани халқ бадном шуда буданд. Ҳоҷӣ Муин ҳар як дақиқаи ҳаёташро бо ваҳму таҳлука мегузаронд. Метарсид, ки ходимони ин идора боз меоянду ўро дубора гирифта мебаранд. Чунки як маротиба ҳамчун «душмани халқ» ба рӯйхати сиёҳ афтода буд.

Ў тирамоҳи соли 1937 (аниқтараш шаби 28-уми сентябр) тарҷимаи ҳоли худро навишта шуд ва зану фарзандонашро даъват карда гуфт:

«Ҳамаи саргузаштамро дар ин варақҳо навиштам. Баъди сари ман шумо донед, ки падаратон одами дину диёнатдор, маърифатпарвар аст. Ман на ҷосуси ҳукумат ва на душмани халқ ҳастам. Танҳо ба манфиати халқу миллат кор кардам.

— Муҳаррамбону, — ба ҳамсараш нигариста илова кард ў, — дар ҳама ҳолат фарзандонро эҳтиёт кун, бохабар бош. Умед дорам, замоне меояд, ки ҳамаи корҳои хуби ман рӯйи об мешаванд».

Пас аз се моҳ, яъне 2-юми январи соли 1938 3-4 нафар шахсони низомӣ ба хона зада даромада, Ҳоҷӣ Муинро бо мошини зирехпӯш гирифта рафтанд. Баъди чанд рӯз суди ҳарбии вилояти Самарқанд ҳукми худро эълон кард. Яъне «Ҷосуси ашаддии ҳукумати советӣ» Ҳоҷӣ Муин Шукруллоевро ба муддати 10 сол аз озодӣ маҳрум карда, ба ҳабсхонаи шаҳри Магадани Русия фиристод.

Сад афсӯс, ки ба Ҳоҷӣ Муин шодии дубора ба ватан баргаштан насиб накард. Гуруснагӣ ва ҳавои сарди Сибир ўро соли 1942 дар синни 59 ба доми марг кашид.

Ҳамза ҶӮРА.

САМАРҚАНД.

СУБҲИ УМЕДАШ ДАМИД

Ҳар боре, ки ба зодгоҳам – Варзики бостонӣ ба аёдати волидайну аҳли табор меравам, шоҳиди воқеаҳои фараҳбахшу хотирмон мегардам. Рӯзгор маро ҳарчанд аз оғӯши ин деҳаи биҳиштосо ба дуриҳо андохт, вале меҳру муҳаббати диёрро аз дили ман кам накард. Дар ҳама ҷо бо сарбаландӣ ва фахр мегӯям, ки ман варзикиям, ҳамдеҳаи Улуғзодаам.

Дар ҳақиқат, деҳаи Варзик бо фарзандони фарзонаи худ чӣ дар Тоҷикистону чӣ дар Ӯзбекистон маълуму машҳур аст. Яке аз ҳамин гуна фарзандони арзандаи ин деҳа сароянда сурудҳои классикӣ, бахусус шашмақом Матлуба Дадабоева мебошад. Ман Матлубаро аз хурдсолияш мешиносам. Бо хоҳари калонаш Туҳфаҷон дугонаи наздик будем. Шодравон модаронамон низ дугона буданд. Вале аз сабаби дурӣ ҳамдигарро кам медидем, зеро онҳо низ дигар дар деҳа зиндагӣ надоштанд. Шавҳари Туҳфаҷон равоншод акаи Сотимхон Иҳъомхӯҷаеви санъатшинос аз аҳли илм буданду онҳо дар пойтахт зиндагӣ мекарданд. Хайрият, ки вақтҳои охир ба туфайли алоқаҳои мобилӣ ҷӯёи якдигар шудем.

Ман пас аз солҳои тӯлонӣ Матлубаро дар тӯйи наберааҳоям дидам, ки бо ҳамроҳи ҳофизи камназир шодравон Шералӣ Ҷӯраев ҳунарнамоӣ мекард. Вай дигар он духтараки одии деҳотӣ набуд, балки як сароянди машҳури баркамол, сазовори эҳтирому эътирофи халқ на танҳо дар ватанамон, балки берун аз он ҳам маълуму машҳур гардида буд.

Матлуба 5-уми октябри соли 1955 дар оилаи агроном ба дунё омадааст. Маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 13 – дар яке аз масканҳои таълимие гирифт, ки бо дастпарварони болаёқату соҳибистеъдодаш дар ноҳия мавқеи хос дошт. Бояд тазаккур намуд, ки он солҳо таълим дар мактабҳо бо забони модарӣ ҷараён дошт, репетитор набуд, лекин ба донишгоҳҳо донишҷӯён хеле зиёд дохил мешуданд. Имрӯзҳо аз ҳамин як деҳаи дурдасти диёр, ки ҳудуди охирини ҷумҳурӣ аст, зеро баъди ин сарҳади Қирғизистони ҳамсоя оғоз меёбад, зиёда аз 35 нафар ходимони илм, номзад, доктор ва профессорҳо ба воя расидаанд, ки дар Ӯзбекистону Тоҷикистон кор ва фаъолият доранд.

Аммо, афсӯс, имрӯз аксарияти падару модарон бар он ақидаанд, ки барои соҳибмаълумот шудани фарзандонашон, дар мактабҳо бояд онҳо ба забони давлатӣ хонанд. Вале аз оқибати он ғофиланд, ки насли оянда аз таърих ва фарҳанги ғанӣ ва адабиёти оламшумули худ, ки ҷаҳониёнро ба ҳайрат андохтааст, бебаҳра мемонанд.

Ҳини мактабхонӣ Матлуба аллакай бо овози фораму марғуладораш дар тадбиру шабнишиниҳо суруд мехонд ва роҳи минбаъдаи ҳаёти худро қатъӣ муайян карда буд. Соли 1973 мактаби миёнаи тоҷикиро бо баҳои аъло хатм намуд ва ба Институти театр ва санъати рассомӣ дохил шуд.

Солҳои донишҷӯйӣ дар барномаи шабҳои мақоми филармонияи давлатӣ фаъол иштирок карда, «Ушшоқи Самарқанд», «Насри ушшоқ» ва «Чапандози наво» барин сурудҳои классикиро бо маҳорат иҷро мекард. Дар озмунҳои «Марҳабо талантлар», «Зеҳн», »Куйланг ёш хонандалар» ва «Қизлар давраси» ва тадбиру чорабиниҳо бомуваффақият ҳунарнамоӣ менамуд. Нозукиҳои асрори сароянда гиро аз дарсҳои Артисти халқии СССР Саодат Қобулова ва Арбоби санъати Ӯзбекистон Темур Маҳмудов омӯхт. Пас аз хатми донишгоҳ ӯро ба ансамбли шашмақомхонони ба номи Юнус Рачабӣ ба кор таклиф карданд.

Бояд қайд кард, ки тӯю маъракаи бонувони деҳаи мо аксар бе иштироки санъаткорони касбӣ, ансамбл ё дастаҳои ҳунарӣ мегузаранд. Дар маъракаи занон мардон хидмат намекунанд. Дар аксари хонадонҳо ягон намуди асбоби мусиқӣ – доира, дутор, най ва монанди ин мавҷуд аст. Бо дархости соҳибтӯй яке аз бонувон доираро гирифта, суруди халқиеро сар мекунад, дигарон ҳамовозӣ мекунанд, касе, ки дар дилаш ҳаваси рақсидан дорад, баромада мерақсад. Аксарияти занон доира зада ягон суруди халқиро замзама карда метавонанд. Ҳазлу шӯхӣ мекунанд, то аз хумор баромадан суруд мехонанд, мерақсанд. Пулчаспонию саргардонӣ барин одатҳо нест, агар соҳибтӯй ягон рӯймол ё сачоқчае диҳад, ба дидаҳо молида «моро низ ба тӯй расонад» гӯён дуо мекунанд. Ҳашаму худнамоӣ барин иллатҳо вуҷуд надорад. Маъракаи одӣ, самимӣ ва табиӣ. Аз ғаму ташвишҳои зиндагӣ фориғ мешаванд, истироҳат мекунанд.

Матлуба ҳам дар ҳамин гуна муҳит ба воя расида буд.

Ба қарибӣ ба зодгоҳ рафта будам. Гуфтанд, ки Туҳфаҷону Матлуба ҳам барои гузаронидани маъракаи азодории шавҳари хоҳарашон аз Тошканд омадаанд. Бо хоҳаронам барои тасаллият назди онҳо рафтем.

Ҳарчанд ҳолати азодорӣ буд, суҳбатҳо кӯр мегирифт, ҳеҷ аз дидори якдигар сер намешудем, суханҳои гуфтанӣ поён надошт. Матлуба ҳамон Матлуба буд: ҷони одам, одӣ, хоксор, суҳбаторо, хушмуомила ва аз кибру ҳаво дур.

Матлуба ба сифати устоду мураббӣ дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худро ба шогирдон меомӯзонад. Вай дар Академияи санъати мусиқии миллии ба номи Юнус Рачабӣ дарс мегӯяд.

– Унвонҳо ба ман хеле бо интизориҳо муяссар мешуд, даҳсолаҳои зиёд мегузашт. Баъзан нимшӯхию нимҷиддӣ «маслиҳат» медоданд, ки миллатамро дигар кунам, ман бо хандаи талх ҷавоб медодам. Барои унвону мансаб аз миллати худ рӯ гардонданро тасаввур карда наметавонам. Шукри Худо, ки он тирашаҳо гузашту субҳи умед дамид, – меафзояд ӯ.

Соли 2009 дар фестивали «Таронаҳои Шарқ» соҳиби ҷойи аввал ва ҷоизаи Гран-при гардидааст. Бо ордени «Меҳнат шуҳрати» мукофотонида шуд.

Баҳори соли 1976 Матлуба тақдири худро бо ҳамсабақи худ, ҷавони каттакӯрғонӣ Ҳусан Халилов пайваста буд. Ҳампеша ва ҳамдил буданд. Парвардигор ба онҳо чор духтари дӯстрӯву хушмандро насиб гардонд. Фарзандҳо дар зиндагӣ роҳҳои худро интихоб карданд, ҳама соҳибхона, модар ва аҳлона зиндагӣ доранд. Духтари калонӣ дар Душанбе истиқомат мекунад.

Матлуба чун зани соҳибродаву вафодор ба ҳурмату эҳтиром лоиқ аст. Шавҳараш солҳои зиёд бемори бистарӣ буд. Парвариш ва нигоҳубини ӯро низ ба дӯш дошт. Пас аз бемории тӯлонӣ ҳамсараш ҷон ба ҷонофарин супурд.

Зиндагӣ аз сари мо бо талошу такудав, бурду бохт, комёбиву армонҳову норасиданҳо, ширинию талхиҳояш ноаён мегузарад. Роҳи ҳаёти мо равону якмаром нест. Ба ҳар як нафаси умр шукр мебояд гуфт. Ба қавли шоир Паймон:

Ба ҳар фурсат, ки баҳри зиндагонӣ
медиҳад фурсат,
Ба ҳар дам к-он бувад пайки бақо,
шукрона бояд гуфт.

Иноят ҶӮРАЕВА,
муаллими собиқадор.
Ноҳияи Сариосиёи
вилояти Сурхондарё.

АЛЛАИ МОДАРРО МУҚАДДАС ДОНАМ

Дар яке аз ривоятҳо омадааст, ки забони биҳиштиён лисони арабу форсӣ-тоҷикӣ аст. Забони модарро хор кардан модарро хор кардан, миллатро хор кардан аст. Аллоҳро қудрату қувватест, ки ҳеч қиёс надорад. Дар илми забоншиносӣ омадааст, ки дар сайёраи мо – Замин одамон наздик ба панҷ ҳазор забону шева сухан мекунанд. Пас равшан аст, ки ба бандагон забонҳои гуногун бахшидан бесабаб нест. Дар замони талабагии мо дар деҳа асосан ду мактаби миёна мавҷуд буд ва таълим ба забони модариамон – тоҷикӣ амал мекард. Хатмкунандагони ин мактабҳо ба мактабҳои олии Ӯзбекистону Тоҷикистон дохил шуда маълумоти олӣ мегирифтанд. Агар хонанда соҳиби дониши хуб бошад, қатъи назар аз донистан ё мукаммал надонистани забон савия ва донишашро изҳор карда метавонад. Аммо забон донаду саводаш хуб набошад, ба натиҷаи дилхоҳ муяссар намешавад.

Мақсад аз ин навиштаҷот ҳамин аст, ки имрӯз дар деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсун панҷ мактаб амал мекунад. Яке аз ин панҷ мактаб соф ӯзбекӣ буда, таълим ва тарбия бо ин забон бурда мешавад. Дар чор мактаби дигар таълим бо ду забон: тоҷикию ӯзбекӣ амал мекунад. Бояд гуфт, ки дар ин мактабҳо ягон талабаи ӯзбекзабон нест. Ҳамаи хонандагон ба миллати тоҷик мансуб буда, бо ду забон мехонанд ва омӯзгорон ҳама тоҷиканд ва аксарияташон хатмкардагони мактабҳои олии Тоҷикистонанд. Хонандагон, хусусан, хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар омӯзиши дарсҳо сахт душворӣ мекашанд. Аз ҳама нохубиаш ин, ки аксарияти омӯзгорон забони ӯзбекӣ ва сарфу наҳв (грамматика)-и онро мукаммал намедонанд. Вақте ки устод худ забонро пухта намедонад, ба ин шогирдон чӣ гуна сабақи самарабахш мебахшад. Пас чӣ бояд кард? Man ба он падару модароне, ки «обро надида мӯза мекашанд» розӣ нестам. Мисол: худи ман муаллими забон ва адабиёти тоҷик на дар мактаб, на дар донишгоҳ ягон соат ба дигар забон (ғайри русию немисӣ) дарс хондаам, аммо ба забони ӯзбекӣ равон сухан мекунам, менависам. Чандин кори курсии хонандагонро бо забони ӯзбекӣ ба сомон расондаам. Man гуфтаниам, ки ҳар касе забони модарии худ ва сарфу наҳви онро мукаммал омӯзад ва донад, дигар забонро низ бе душворӣ аз худ мекунад. Дар ҳар замон, дар ҳар вазъият забони модариро ҳурмат ва пос доштанро фарз ва воҷиб бояд донист. Зеро ҳар як миллат, ҳар як халқ, ҳар як фард аллаи модарашро бо забони худаш шунидааст. Аллаи модар шоҳбайту назми гуворои ҳар як халқ аст. Забони модар, аллаи модарро бояд, ки тоҷи сар донем. Man аллаи модари раҳматиамро ҳанӯз фаромӯш накардаам, гарчанд синнам ба 76 расидааст, ки ин аст:

АЛЛАҶОНАМ, АЛЛАЁ

Алла, ҷонам, аллаё,
Нури чашмам, аллаё,
Сеҳри дилам, аллаё,
Аллаҷонам, аллаё.

Рӯякат моҳи тобон,
Абрӯят шакли камон,
Чашмонат дурру марҷон,
Аллаҷонам, аллаё.

Ситораҳо дар осмон,
Мурғакон дар шохсорон,
Хуфта дар наҳр моҳиён,
Аллаҷонам, аллаё.

Насим ояд аз дара,
Алла гӯяд шаршара,
Хоб кардааст мусича,
Аллаҷонам, аллаё...

Қуввати дилам туӣ,
Мадори танам туӣ,
Бахти бузургам туӣ,
Аллаҷонам, аллаё,

Ҳамеша «ё Раб» гӯям,
Ҳар саҳару шаб гӯям,
Ҳам аз дилу лаб гӯям,
Аллаҷонам, аллаё.

Худоҷон назар кунад,
Аз бад бехатар кунад,
Умратро шакар кунад,
Аллаҷонам, аллаё.

Кӯчадавонак шавӣ,
Мактабравонак шавӣ,
Хуш аҳлохонак шавӣ,
Аллаҷонам, аллаё.

Рустами Дастон шавӣ,
Чу ӯ паҳлавон шавӣ,
Номдори майдон шавӣ,
Аллаҷонам, аллаё.

Ҷумъа АВЛИЁЕВ,
деҳаи Дарбанди
ноҳияи Бойсун.

Ҷаҳони зан

ВОҚЕАИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ

Нависандаи покистонӣ Мирзо Адиб дар «Мисбоҳ» ном асараш овардааст:

«Солҳои 60-уми асри гузашта дар Деҳлӣ кор мекардам. Рӯзе аз автобус фаромада, ба ҷайби худ нигарам, касе ҳамён ва мактубе, ки ба модарам навишта будам, дуздидааст.

Дар ҳамён 9 рупӣ пул доштам. Мактуб бошад, аз чаҳор сатр иборат буд: «Модарҷон, маро аз кор холӣ карданд. Акнун 50 рупие, ки барои шумо ҳар моҳ ҷудо мекардам, фиристода наметавонам...»

Мактубро ба умеде, ки мабодо пул пайдо карда тавонам, 3 рӯз инҷониб дар ҷайб медоштам. Албатта, ин 9 рупӣ ба қадре арзиши зиёд надошт, аммо барои ман, ки аз кор ронда буданд, баробари 9 ҳазор рупӣ буд.

Баъди чанд рӯзи ин воқеа аз модарам номае гирифтаму хавотирам дучанд гардид: агар модарам интизори он маблағ бошанд, пас чӣ бояд кард?

Мактубро бо сад андеша кушодам ва баъди мутолиа гиребони ҳайрат доштам. Модари меҳрубонам пас аз изҳори ташаккуру дуо навиштаанд, ки «он 50 рупии ҳаволакардаатро гирифтам. Писарҷонам, меҳри ту аз ҳама зиёда, аз кор озод карда бошанд ҳам, барои man 50 рупӣ пайдо карда ва онро дар вақти даркорӣ фиристода тавонистаӣ! Ба ту омад ва ризқи бобаракот металабам!».

То ба man мактуби бо хати каҷу киҷеб навишта расид, суоли «ин маблағро кӣ фиристода бошад», безобитаам кард, ки ин буд:

«Салом, нишондоди манзилро аз лифофаат гирифтам. Ба 9 рупияат 41 рупӣ, ки чанд вақт боз ҷамъоварӣ мекардам зам намуда, ба модарат фиристодам. Боз ҳам аниқтар гӯям, модарат ва модари худамро фикр кардам. Тарсидам, ки модарат гурусна монаду ба уболи ту ва модарат намонам. Man оне, ки дар автобус 9 рупӣ пулатро дуздида будам. Маро бубахш».

Мактуб ба ҳаёти man такони нав бахшид. Он рӯз man ба хулосае омада будам: гоҳо ба дуздоне вомехӯрем, онҳо аз шахсоне, ки шиорҳои баландпарвозу дур аз ҳақиқатро пешаи худ кардаанд, олиҳимматтаранд, аниқтараш, баъзе одамон ба қадре, ки man фикр мекардам, бад нестанд.

Тарҷумаи **Н. НОДИРОВА.**

ҚАРЗИ ҲАМШИРАИ ТИББӢ

Ҳамшираи тиббӣ дар назар ибораст одӣ. Пешаст, ки вазифааш гӯё аз сӯзандору гузаронидан ба бемор иборат аст. Вале бубинед, Вирҷиния Ҳиндерсон чӣ менависад: «Ҳамшираи тиббӣ – пойи равони беморон, чашми нобиноён, дастёри атфол, роҳнамои модарон, асои пирон, мададрасони оҷизон, забони ашхоси нотавонест, ки маҷоли суҳангӯйӣ надоранд».

Шодию хурсандии Наргисро ҳадду канор набуд. Хушнуд буд, ки бо ҳидояти падараш – Нуриддин ва модари хушназараш – Фархунда пешаи ҳамширагиро ихтиёр кард. Дар коллеҷи тиббии Қаршӣ таҳсил намуд. Назария ва амалиёти ҳамширагиро дар ҳамбастагӣ хуб омӯхт. Дониш, таҷриба ва маҳорати дар коллеҷ ҳосилнамудааш минбаъд дар фаъолияти меҳнатии ӯ кор додаанд.

Наргис Бекташева бахти худро дар шаҳри Тошканд пайдо кард. Ӯ, ки зодаи Қашқадарё буд, бо Абдувалӣ ном ҷавони тошкандӣ издивоҷ намуд. Се сол муқаддам ӯро ба ҶММ-е ҳамчун ҳамшира ба кор қабул намуданд. Дар муддати хеле кӯтоҳ тавонист байни ҷамоаи нав мавқеъ пайдо кунад. Чеҳраи кушод, лабони ҳамеша ба табассум моил ва пеш аз ҳама забони ширин дорад.

Чанде пеш дар ин клиника мулоҷа гирифтам. «Дафтари қайдҳо»-и беморхонаро варақ задам. Беморони сиҳҳатёфта бештар аз дигарон ба вай миннатдорӣ изҳор кардаанд. Чун дар ин беморхона чанде даво гирифтам, бо фаъолияти ҳамшираҳои тиб хуб шинос шудам. Мегӯянд, ки панҷ панҷа баробар нест. Ин табиӣ аст. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҳамшира бо чӯбу тахта не, балки бо саломатии инсон сару кор дорад.

Рӯзи аввал ҳамшира бояд сӯзандоруи нахустро бо тавсияи сардухтури беморхона мегузаронид. Ҳамширае бо таҷҳизоти зарурӣ омад. Се-чор маротиба саъй намуд, вале рагро пайдо карда натавонист. Сӯзандоруро як сӯ гузошту аз палата баромад. Пас аз лаҳзае бо се ҳамшираи дигар баргашт.

– Дада, чӣ ҳол доред, – гуфт бо табассум яке аз онҳо ва пахтаи спиртолудро дар ҷойи сӯзандору молид. Эҳсос накардаам, ки ӯ аллакай сӯзандоруро гузаронидааст.

– Дада, ҳамааш хуб мешавад, Худо хоҳад, сиҳҳату солим назди наберааҳо бармегардед, – гуфту ба палатаи дигар гузашт. Дигарон низ аз ақибаш рафтанд. Ҳамшираи аввалӣ назди man монд. Номи ҳамшираро пурсидам: – Наргис, ҷавоб дод кӯтоҳ.

Назди сардухтур даромадам. Хоҳиш кардам, ки ба man танҳо Наргис Бекташева сӯзандору гузаронад.

– Аксар беморон бо ҳамин хоҳиш назди man меоянд, – гуфт бо табассум сардухтур Музаффар Рачабов. – Шифокори асил онест, ки – суханашро идома дод М. Рачабов, – бар замми доруву дармон ба олами пурасрорӣ рӯҳу равони бемор роҳ ёфта, ба хондан ва дарки муаммои бемор роҳ пайдо кунад. Оре, сухани хуш, чеҳраи кушоду пуртаббасуми ҳамшираи шафқат метавонад боиси ҳар чӣ зудтар шифо ёфтани бемор гардад. Наргис аз чунин тоифаи ҳамширагон аст.

Баробари ҳусни зебо доштан, чеҳраи тобону забони ширин ва қалби поку беолоиш низ дорад. Шуғли худро дӯст медорад, барои такмили дониш ва маҳораташ пайваста ҷидду ҷаҳд мекунад. Бо замон ҳамнафас аст.

– Сол аз сол илму техника рушд мекунад, барои ҳамқадами замон ва ба талаботи замон мувофиқ сохтани дониш ва таҷриба бояд аз имконоти мавҷуда самаранок истифода кард, – мегӯяд вай. Ин аст, ки худаш пайваста дар ҷустуҷӯст. Ӯ хеле ҷавон аст. Ҳамагӣ собиқаи кории сесола дорад, вале дар ин муддати кӯтоҳ ба дили беморон роҳ ёфтааст.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Турнаҳо

Писарак сесола буд, ки модараш вафот кард. Ӯ аз кучо медонист, ки мурдан чист? Ҳар рӯз аз бибиаш, ки тарбияи писаракро ба ӯҳда гирифта буд, мепурсид:

– Бибӣ, очаи man дар кучост?

Барои бибии бечора ҷавоб додан ба ин савол хеле мушкил буд. Охир ӯ чӣ тавр метавонад гӯяд, ки модарат вафот кардааст, дигар барнамегардад. Аммо писарак ҳар рӯз мепурсид. Ноилоҷ рӯзи дигар бибӣ гуфт:

– Писарам, модарат ҳамроҳи турнаҳо ба мамлакати гарм «парида» рафт. Баҳор, ки шуд, бармегардад...

Ин ҷавоб ба дили писарак умеди зиёд бахшид. Ҳамин тавр зимистон низ гузашт, баҳор омад. Як рӯзи баҳор писарак ҳамроҳи чӯраҳояш машғули бозӣ буд, ки ногоҳ як писараки дигар фарёд зад: – Бачаҳо, турнаҳо, турнаҳо!!!

Писарак давон-давон ба сари баландие баромаду фарёд кард:

– Очаҷон, очаҷон, man инҷоям!!!

Аммо турнаҳо гузашта рафтанд. Оташи дили писарак якумра хомӯш гардид...

Таҳияи
Фаришта ҒОИБНАЗАР.

ҲИКОЯТ

Нуриддин Муҳаммади Ҷаҳонгир – подшоҳи Ҳинд, ки адибу шоиру ошиқпеша буд, писараш шаҳзода Хуррамро беш аз андоза дӯст медошт ва ба фарзандони ӯ беш аз ҳадди тасаввур муҳаббат меварзид. Иттифоқро духтари шоҳзода Хуррам, ки тоза ҷавон ва ба камоли зебоӣ ва ширинзабонӣ ва ҳусну адаб ва хушрафторӣ буд, ба бемории сахт гирифтор омад. Табибон дар илоҷаш дар монданд ва саранҷом дар рӯзи чаҳоршанбеи бисту нуҳуми ҷамодулаввали соли 1025 даргузашт. Шоҳзода Хуррам аз ин ғами бузург ҳафтаҳо мехӯрӣшид ва рӯй мехарошид ва хӯрдану хуфтанро бар худ ҳаром карда буд.

Андӯҳи Ҷаҳонгир дар ин сӯг аз ранҷи шоҳзода Хуррам кам набуд ва рӯзи чаҳоршанбе дар назараш сахт шум ҷилва кард. Аз ин рӯ дастур дод аз он пас ҳама мардум рӯзи чаҳоршанберо рӯзи «гумшанбе» бигӯянд ва бинависанд. Ҳамчунин барои ин ки хонаеро, ки духтари ҷавонмарг дар он ҷо ҷон супурда буд, ҳаргиз набинад, гуфт гирди он девори баланд бароваранд. Чунин карданд то рӯзи якшанбеи 28 сафари соли 1036, ки Ҷаҳонгиршоҳ даргузашт, ҳеҷ кас аз мардуми Ҳинд ҷуръат надошт калимаи чаҳоршанберо бар забон биёварад ё бинависад.

Аз «Турфаҳо»-и Иқболи Яғмоӣ.

Хоҳарон Дибабаҳои ҳабашистонӣ (Эфиопия) дар сайёра оилаи тезтозандатарин ба шумор мераванд. Онҳо дар таърих ягона хоҳароне мебошанд, ки дар як вақт ҳам соҳиби 4 медали тиллоии олимпӣ, 2 медали нуқра, 3 биринҷӣ мебошанд. Инчунин дар ҳисоби онҳо пирӯзии 15 чемпионати ҷаҳон ва чандин рекорди ҷаҳон ҳаст.

Сермедалтаринашон Тирунеш Дибаба (дар марказ) мебошад. Ин сурат 7 сол пеш аккосӣ шудааст, ҳоло ӯ 36 сола аст ва ба масофаҳои дароз метозад. Танҳо худаш соҳиби 3 медали тиллоии олимпӣ ба масофаҳои 10 ҳазор ва 5 ҳазор метр мебошад. Соли 2015 соҳиби фарзанд гардид ва чанд муддат аз варзиш дур шуд.

Аҷибаш ин аст, ки Тирунеш бо атлетикаи сабук аз 14-солагӣ машғул мебошад. Ин барои чунин намуди варзиш хеле дер ба шумор меравад ва хусусан агар иддаои медали олимпиро дошта бошад. Ғайр аз ирсияти муносиб, маҳалли тавлид ва иқоматаш низ нақш доштааст. Хоҳарон дар маҳалли баландкӯҳ таваллуд шуда, дар кӯдакӣ хеле болову поёни кӯҳ равуо кардаанд ва ба далели ин хеле чустучолок гаштаанд, ки ин ба давидани масофаи тӯлонӣ хеле мувофиқ аст.

Хоҳарони дигар низ ба масофаҳои дур – аз 1500 м. то марафони тӯлонӣ тохтанро афзал медонанд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тоҷик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125.
Адади нашр 242. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 20.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.